**СУРАТМАҶЛИСИ № 18**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди**
**Академияи Вазорати корҳои дохилӣ**

**аз 13 сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024 №407/шд тасдиқ гардидааст, доранд 10 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Роҳбари илмӣ:

**Раҳимзода Рамазон Ҳамро** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия.

Муқарризони расмӣ:

**Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби Олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Кӣ тарафдори рӯзномаи ҷаласа аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан барои пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ **Сафарзода Ҳ.С.**

**(Парвандаи унвонҷӯй № ___)**

**Раисикунанда**: Ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ **Сафарзода Ҳ.С.** доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ ягон савол ҳаст? Савол нест.

**Раисикунанда:** Сухан оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ба **Анварзода Самандар Анвар** дода мешавад.

**Раисикунанда:** Ба диссертант, кӣ савол дорад? Марҳамат: профессор –Раҷабов Р.М., Назарзода Н.Ҷ., Шарифзода Ф.Р.

Анварзода Самандар Анвар ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раисикунанда:** Ба диссертант боз саволҳо ҳаст? Савол нест.

**Сухан ба роҳбари илмии диссертант Раҳимзода Рамазон Ҳамро** дода мешавад (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, **Сафарзода Ҳ.С.** барои қироати хулосаи кафедра, тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд.

Котиби Шуро қироат мекунад:

1. Хулосаи кафедра.

3. Тақризи муассисаи пешбар.

4. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда.

**Раисикунанда:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

Анварзода Самандар Анвар – баромад кард.

– **Раисикунанда:** ҳозирини гиромӣ сухан ба муқаррризи расмӣ: Искандаров Зайниддин Ҳамидович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад. (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмии аввал дода мешавад.

**Анварзода Самандар Анвар – баромад кард.**

**Раисикунанда:** Сухан ба муқаррризи расмӣ **Салимов Бахромҷон Азизович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби Олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмии дуюм дода мешавад.

**Анварзода Самандар Анвар** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Марҳамат профессорон Павличенко Н.В., Шарипов Т.Ш., Раҳмадҷонзода Р.Р.

**Раисикунанда:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро ба ҳайси муқаррризи ғайрирасмӣ дорад?

Марҳамат сухан ба Шарифзода Ф.Р. дода мешавад.

Ба диссертант сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Анварзода Самандар Анвар** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини Шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Буризода Э.Б., Раҷабзода Р.М., Раҳмадҷонзода Р.Р.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти худро амалӣ намояд (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҷабзода Р.М. дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раисикунанда:** Барои тасдиқ намудани суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб, кӣ тарафдор аст, ҳоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи **Анварзода Самандар Анвар**, ки ба аъзои Шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои Шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад?

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи Шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд.

(Хулосаи Шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед, қарори Шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи **Анварзода Самандар Анвар** қироат намоям.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и**
**назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**13 сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (тақризи роҳбари илмӣ: Раҳимзода Рамазон Ҳамро – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар: Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе), тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби Олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Павличенко Н.В., Шарипов Т.Ш., Раҳмадҷонзода Р.Р., Шарифзода Ф.Р. ва муқарризи ғайрирасмӣ Солиев К.Ҳ.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи

пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Анварзода Самандар Анвар дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Анварзода Самандар Анварро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**